## Тақризи

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Шарифова Санавбар Саъдулоевна дар мавзуи «Нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) пешниҳод шудааст

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи илмии ихтисос 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ): банди 1 - Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ: банди 2 – 2 - Назария ва методикаи тарбияи хонандагон дар раванди таълими фанҳои ҷамъиятӣ мувофиқ аст.

**Мубрамият ва зарурияти баргузории таҳқиқот**

Диссертатсияи номзадии Шарифова Санавбар Саъдулоевна дар мавзуи «Нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих» дар заминаи таҳқиқу баррасии роҳу воситаҳои тарбия ва нақши арзишҳои миллӣ дар ташаккули тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолӣ ва психофизиологии онҳо иҷро карда шудааст. Таъмин намудани шароитҳои иҷтимоӣ-педагогӣ, ки инсон чун муҳити иҷтимоии доимо инкишофёбанда ва тағйиру такмилёбанда ба дунё омада, чун шахсияти арзишманд ташаккул меёбад, худ муҳити таълиму тарбия аст, ки он дар илми муосир чун соҳаи педагогика ва арзёбӣ гардидааст.

Тарбияи хештаншиносии хонандагон ҷузъи таркибии тарбияи ватандӯстӣ ва маънавӣ-ахлоқӣ буда, он меҳвари ғояҳои миллиро ташкил менамояд. Раванди ҷаҳонишавӣ, ки дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва фаъолияту зиндагии хурду бузургсоли он таъсиргузор гардидааст, ба тарбия ва раванди ташкилу баргузории он бе таъсир намондааст. Бояд қайд кард, ки ҷаҳонишавӣ ба макони арзишҳои миллӣ, тарбия дар оила, муассисаҳои таҳсилотӣ, ҳаёти фарҳангии иҷтимоӣ таъсир расонда ба хурду бузургсоли ҷомеа дастрасии технологияҳои навини иртиботӣ-иттилоотиро таъмин намуд. Онҳо бо баробари роҳандозӣ намудани густариши ҳамкориҳои сиёсию иқтисодӣ, фарҳангию иҷтимоӣ, инчунин интиқоли иттилоот ба дунёи маънавӣ-ахлоқии хонандагон ворид гардидаанд.

Тарбияи хештаншиносӣ ва ватандӯстии хонандагон ба ташаккул ва камолоти минбаъдаи шахсияте нигаронида мешавад, ки ӯ бояд дорои сифатҳои худогоҳию худшиносӣ, шаҳрвандию ватанпарастӣ бошад, ки дар ҳамаи вазъиятҳо тавонад бо сифатҳои мардонагию ватандӯстӣ таҳдиди хавфу хатарҳо ба марзу буми Ватан, осудагию осоиштагии халқу давлати худро муҳофизат намояд, арзишҳои моддию маънавию ахлоқии гузаштагонро ҳимояву афзун гардонад. Муҳаққиқ иҷрои чунин вазифаҳои мураккаб ва мубрамро ба ҳисоб гирифта истифодаи арзишҳои миллиро ҳамчун воситаи тарбияи хонандагон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст.

Ҳангоми омӯзиш ва таҳлили диссертатсия маълум гардид, ки муҳаққиқ мувофиқ ба ҳадафу вазифаҳои таҳқиқотӣ, таҳқиқоти илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ таҳқиқи нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносӣ, фарҳанг, таърих ва анъанаҳои милли халқи тоҷик таҳқиқотҳои М. Орифӣ, И. Обидов, М. Эркаев, М. Лутфуллоев, Ф. Шарифзода, К. Қодиров, И. Х. Каримова, Ф. Гулмадов, Т. Зиёзода, А. Нуров, Х. Раҳимзода, М. Р. Юлдошева, Ҷ. Файзализода, Б. Маҷидова , Қ. Хоҷаев, Қ. Абдураҳимов, Б. Раҳимов, С. М. Арутюнян, Г. Е. Глезерман, С. Т. Калтахчян, И. С. Кон, К. Н. Хабибулин ва дигарон саҳми назаррас гузоштаанд. Сохтори худшиносии миллӣ дар таълифоти муаррихон - мардумшиносон Б. Ғафуров, Н. Яъқубов, З. Табаров, А. Агаев, Божович Л. И., Ю. Бромлей, Л. Виготский Л. С., Дробижева, П. Кушнер, Г. Старовойтова, Г. Шелепов ва дигарон, ки онҳо ба масъалаи арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон таваҷҷуҳи хоса зоҳир кардаанд, омӯхта аз он чун сарчашмаи илмӣ-назариявӣ истифода бурдааст.

Дар муқаддима мубрамият, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, фарзия ва асосҳои назариявию методологӣ, сарчашма, методҳои назариявию амалии таҳқиқот, навгониҳо, аҳмияти назариявию амалии кор, инчунин ғояҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда пешкаш карда шудааст.

**Мақсад таҳқиқотро** таҳлили илмию педагогии шаклу усулҳои самарабахши омода намудани хонандагон зимни таълими фанни таърих дар асоси анъанаҳои миллии хештаншиносӣ, ки барои ташаккули ватандӯстӣ ва инсонпарварии онҳо кӯмак мерасонанд.

**Асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқотро** усули асосии тадқиқот усули илмӣ - назариявӣ ташкил медиҳад. Ғайр аз ин, усули тадқиқотие истифода шуд, ки воситаҳои таълим ва таърихи таълимро меомӯзад. Усули мушоҳида, инчунин усулҳои тавсифӣ ва миқдорӣ низ зимни таҳияи рисола истифода шуданд. Ғайр аз ин, усули таҳлили семантикӣ - педагогӣ

ва функсионалии таълим низ васеъ истифода гардид. Зимни таҳқиқи мавзуи тарбияи хештаншиносӣ ва рушди ҳувияти миллӣ аз методи илмӣ-назарӣ низ истифода бурда шуд. Инчунин, методи мушоҳида, методҳои тасвирӣ ва микдорӣ низ корбурд шудааст. Ба таври васеъ усули таҳлили назариявии илмӣ, психологӣ, педагогӣ ва адабиёти илмӣ ва методӣ оид ба мушкилоти тадқиқот, ки фарогири чунин усулҳо мебошад, истифода гардид.

**Сарчашмаи маълумот барои кори таҳқиқотии** мазкур осори фалсафию таърихӣ ва психологию педагогӣ, санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти касбию педагогӣ дар соҳаи маориф; санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар барои таълиму тарбияи фарзанд», Консепсияи миллии тарбия, Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то солҳои 2030, Стандарти давлатии таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ, ҳуҷҷатҳои инъикоскунандаи талабот ва тағйирот дар амалияи таълиму тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорон.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**. Дар замони таъсири ҷаҳонишавии фарҳангҳо ва тараққиёти илму техникаи муосир, ки сарҳадҳои муошират халқу миллатҳоро барҳам медиҳанд, эҳтиёҷ ба ҳувияти миллӣ ва тарбияи хештаншиносӣ шарт ва зарур аст. Барои илми педагогикаи тоҷик тадқиқоте, ки доир ба нақши ҳувияти миллӣ ва тарбияи худшиносӣ зимни таълими фанни таърих ба анҷом расонидан, аҳамияти бузурге доранд. Анҷоми таҳқиқ ва омӯзиши пурраи илмӣ оид ба нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи худшиносии хонандагон дар раванди таълими фанни таърих дар илми педагогикаи тоҷик аҳамияти зерини назариявӣ ва илмӣ хоҳад дошт: барои корҳои минбаъдаи илмӣ кӯмак хоҳад расонд; барои ҷорӣ намудани тарбияи хештаншиносӣ, тайёр намудани омӯзгорони ояндаи фанни таърих мусоидат менамояд; барои рушду ташаккули ҳувияти миллии хонандагон ёрӣ мерасонад; ҳамчун дастури таълимӣ дар соҳаи илми педагогика хизмат хоҳад кард; маводи таҳияшуда метавонад дар нашри китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, энсиклопедияҳо ва солномаҳо истифода шавад; онро ҳамчун роҳнамо ва дастур дар соҳаи илми педагогика истифода бурдан мумкин аст; анҷоми ин таҳқиқот метавонад барои нишон додани бартарии арзишҳои миллӣ ва ташаккули худшиносии толибилмон дар раванди таълими фанни таърих саҳифаҳои нав боз кунад.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳоднамудаи муаллиф мувофиқ ба бандҳои он дар раванди таҳқиқот амалӣ гардида, тасдиқи он дар матни диссертатсия ва автореферати он ифода гардидааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот инҳоянд; маҷмуи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот, ки ба мавзуи интихобшуда ва ҳадафҳои асосии таҳқиқот мувофиқанд; интихоб ва таҳлили шароитҳо ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи қоидаҳое, ки дар фарзия ва ғояи таҳқиқот пешниҳод шудаанд; азназаргузаронии маводҳои бадастомадашудаи рисола; муътамад будани натиҷаҳои бадастомадашуда; таҷрибаи амалии фаъолияти касбии муаллифи рисола.

Натиҷаҳои бадастомадаро минбаъд ҳамчун заминаи иттилоотии илмӣ бо такмилу иловаҳо барои омода намудани монография, дастурҳои таълимию методӣ барои кормандони иҷтимоӣ, фарҳангӣ, омӯзгорӣ дар зинаҳои таълимии муассисаҳои таълимӣ, таҳсилоти иловагӣ, таҳсилоти миёна ва олии касбӣ истифода кардан муфид хоҳад буд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Муҳтавои асосии кори диссертатсионӣ дар ду боб ва шаш зербоб ифода ёфтаанд ва бо иловаи муқаддима 168 саҳифаи чопи компютериро дар бар гирифта,146 номгӯи адабиёти истифодашуда ба расмият даровардa шудааст.

**Дар боби якуми диссетатсия** «Ҷанбаҳои назариявии ташаккули хештаншиносии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» буда, навовариҳо фаъолияти таълим дар мактаби муосир ва таъйини авлавияти тарбия дар таҳқиқоти илмӣ доир ба яклухтии ҷараёни таълимиву тарбиявии хонандагон оварда шудааст.

Қайд гардидааст, ки идеали замонавии тарбияи миллӣ шахсест, ки маънавиёти баланд дорад, эҷодкор ва босалоҳият аст, шахсест, ки арзишҳои маънавӣ ва фарҳангии миллиро эҳтиром мекунадуояндаи Ватанроояндаи тақдири худ медонад. Дар атрофи ҷаҳонишавӣ, ҳамгироии иҷтимоӣ зиддияти тамаддунҳо ва худшиносии миллатҳо гуногунанд. Дар ин раванд яке аз масъалаҳои ҳалталаби рӯз дар тӯфони ҷаҳонишавӣ – ин ҳифзи асолати арзишҳо ва фарҳанги миллӣ мебошад. Чунки оянда ва абадияти миллат ба он вобаста аст. Дар баҳсҳои илмии муосир масъалаи муҳими ҳалталаб ҷаҳонисозии миллатҳо ва фарҳангҳо аст.

Зербоби якум «Асосҳои педагогию психологии ташаккули ҳисси хештаншиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» мебошад. Ҳалли ин масъала ба худшиносии миллии ҳар як фарди ҷомеа башида шуда, таваҷҷуҳи бисёр педагогонеро, ки ба хештаншиносии

хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ равона шудааст баррасӣ намудааст.

Муҳқиқ дар партави сиёсати мустақилонаи давлати миллӣ мазмуни нав гирифтани худшиносии миллӣ дастоварди бузурги фарҳанги иҷтимоӣ ва сиёсии давраи навин буданро қайд мекунад. Дар фазои рушд ва таҷлили истиқлолияти миллӣ, халқи тоҷик тавонист ба як қаламрави равонии ягона табдил ёбад, ки дар он якҷоя шудани дигар гурӯҳҳои этникии кишвар ба татбиқи мафкураи шаҳрвандии умумӣ ва муштарак боиси таҳкими арзишҳои миллӣ гардид.

Дар зербоби дуюм «Инъикоси ҳаёти иҷтимоӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқони тоҷик ва хориҷии муосир» қайд мегардад, ки тарбияи иҷтимоӣ дар раванди таърих ва мутобиқшавии хонандагон ба ҳаёти иҷтимоӣ, махсусан дар доираи худшиносии миллӣ, ҳамчун як раванди динамикӣ, ки вобаста ба омилҳои ташкилӣ, роҳҳо, мазмун ва натиҷаҳо таҳия мешавад, назар мерасад.

Тарбияи иҷтимоӣ ба насли наврас на танҳо имконият барои худшиносӣ ва ташкил кардани муносибатҳо медиҳад, балки ба онҳо имконият медиҳад, ки шахсияти мукаммали иҷтимоии худро шакл диҳанд. Ҳувияти миллии хонандагон дар раванди таълим ва тарбия, ки ба худшиносии миллӣ вобаста аст, барои рушди муносибат ва иштироки фаъол дар ҷараёнҳои иҷтимоӣ зарурист.

Дар зербоби сеюми боби аввал «Санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълим ва тарбияи ҳаёти иҷтимоӣ» ҷараёни корҳои тарбиявӣ дар байни ҷавонону наврасон тибқи «Консепсияи миллии тарбия» роҳандозӣ намуда, мақсаду вазифа ва мазмуни тарбияро комилан ба арзишҳои миллии миллати мо мутобиқ кунонида шуд.

Тарбияи ватанпарастӣ, ки яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат дар соҳаи маориф мебошад, дар назди омӯзгорон вазифаҳои бузургро мегузорад. Ин намуди тарбия фаъолияти бисёр ҷанба, муназзам ва ҳадафмандона мебошад, ки ҳамкории идораҳои давлатӣ, сохтор ва муассисаҳои ҷамъиятиро талаб мекунад ва ба ташаккули шуури ватанпарастӣ ва ҳисси садоқат ба Ватан равона шудааст.

Қайд мегардад, ки арзишҳои миллӣ гуногунанд, эҳтиром ва арҷгузорӣ ба онҳо ҳисси масъулиятшиносии насли наврасро зиёд мегардонад ва боиси ташаккули худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ мегардад.

**Дар боби дуюми диссертатсия** «Мазмуну мундариҷа ва роҳу усулҳои ташаккули хештаншиносии хонандагон дар таълими таърихи умумӣ» ҷамъбасти корҳои озмоишию таҳқиқотӣ оид ба шартҳои муттасилии таълим ҷиҳати тарбияи худшиносии хонандагон зимни таълими фанни

таърих баррасӣ гардида, корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ натиҷагирӣ шудааст.

Дар зербоби якуми боби дуюм «Сохтори барнома ва китобҳои дарсии таърихи умумӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» таҳлили барнома ва китобҳои дарсии таърихи умумӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро ба роҳ монда шудааст. Дар ин зербоб қайд гардидааст, ки тарбия намудани ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, миллатпарастӣ, худогоҳӣ ва хештаншиносӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои волои таърихӣ ва фарҳангии миллат яке аз самтҳои асосии сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Бояд қайд кард, ки барои аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ асоснок намудани нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих муҳаққиқ ба таҳқиқоти илмии олимон муроҷиат намуда, онҳоро аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудааст.

Дар зербоби дуюм «Татбиқи амалии ташаккули ҳисси хештаншиносӣ дар таълими таърихи умумӣ» гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ-озмоишӣ аз усулҳои педагогӣ-равонӣ, озмоишӣ-таҷрибавӣ, таҳқиқотӣ-математикӣ, мушоҳида, анкета-саволнома ва ғайра истифода гардидааст.

Муаллиф рушди худшиносии миллӣ давраи худмуайянкунии шахсият муҳим шуморида, бо таълим дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ алоқаманд будани онро таъкид мекунад. Хонандагон ба таъсири бештари донишҳои арзиши миллидошта, таваҷҷуҳ доранд ва ба азхудкунии ҳувияти миллӣ , яъне бо омодагӣ ба андӯхтани таҷрибаи инсонӣ ва дарки воқеаҳои олам дар намуди донишҳо, арзишҳо, маъниҳо ва вуҷуд доштани некӣ дар олами атрофи мо фарқиятро идрок мекунанд.

Дар зербоби сеюм «Озмоиши педагогӣ ва натиҷаҳои он дар ташаккули ҳисси хештаншиносии хонандагон» пешниҳод карда шудаанд. Таҳлили маводи пешниҳодшуда самарабахшии кори озмоишӣ-таҷрибавиро таъкид намуда, дар ҷадвалу диаграммаи алоҳида ҷой шудаанд.

Дар охир ба болоравии сатҳи донишҳо оид ба омилҳои педагогӣ дар рушди ҳиссиёт ва сифатҳои тарбияи ватандӯстӣ ва хештаншиносии хонандагону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилотӣ таъсиргузор будани арзишои миллӣ, ба фаъолияти якҷоя ҷалб кардани омӯзгорону хонандагон таъкид гардида, зарурияти ба самти арзишманд роҳнамоӣ кардани хонандагонро ва таълимгоҳ таъкид шудааст.

Дар асоси натиҷаҳои бадастомада муҳаққиқ хулосаҳо мувофиқ ба ҳар боб, хулосаи умумӣ ва тавсияҳои методиро аз ҷиҳати илмию амалӣ коркард ва пешниҳод намудааст, ки аҳамияти илмӣ ва илмӣ-методӣ барои

пешрафти назария ва амалияи тарбияи хештаншиносии хонандагонро имконият медиҳад.

Натиҷаи таҳқиқоти илмӣ дар феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсия намудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 номгӯй ва дар маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ 6 номгӯй ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, диаграмма ва ҷадвалҳо таъмин аст.

**Эродҳо ба таҳқиқоти илмӣ**

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия ва фишурдаи он баъзе камбудӣ ва норасоиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла:

1. Бисёр ба маврид ва саривақтӣ мебуд агар дар замима намунаи нақша-чорабиниҳои беҳтарини омӯзгорони соҳибтаҷриба, барномаи намунавии чорабиниҳо роҷеъ ба тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих илова карда мешуд.

2. Агар муҳаққиқ шаклҳои корҳои беруназсинфиро оид ба тарбияи хештаншиносии хонандагон дар зербоби алоҳида таҳлилу баррасӣ менамуд, арзиши илмии кори диссертатсионӣ боз ҳам зиёдтар мегардид.

3. На дар ҳамаи саҳифаҳои матни диссертатсия ва автореферати он иҷрои қоидаҳои имло риоя карда шудаанд.

Бояд қайд кард, ки эродҳои зикргардида андешаи субъективии мо буда, онҳо сатҳ ва дараҷаи арзишмандии таҳқиқотро халалдор намекунанд. Бинобарин диссертатсия чун кори илмӣ-таҳқиқотии ба анҷомрасида ва мустақилона иҷрошуда мебошад ва аз рӯи сохтору мазмун ба талаботҳои муқарраршуда мувофиқат менамояд.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Шарифова Санавбар Саъдулоевна дар мавзуи «Нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) кори илмӣ-таҳқиқотии баанҷомрасида ва аз тарафи муаллиф мустақилона иҷрошуда буда, дар сатҳи хуб қарор дорад. Натиҷаҳои илмӣ ба доираи талабот ба иҷрои диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯй мебошад.

Довталаб мақсаду вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда иҷро намудааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

Диссертатсияи ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти №267 ва таҳрири нави он бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295 ҷавобгӯ буда, муаллифи он Шарифова Санавбар Саъдулоевна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) мебошад.

**Муқаррии расмӣ:**
Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи кафедраи
педагогикаиумумидонишгоҳии
Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода, Шарифов Муҳсин Ғаффорович

26.08.2025

**Маълумот барои тамос:**
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Ф.Муҳаммадиев, 17/6. Тел: 935806222.

Имзои Шарифов Муҳсин Ғаффоровичро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б. Ғ.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС